**КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ**
**НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# ФАРМОИШ

**аз «4» 02 соли 2021** **№ 33/gr** **ш. Душанбе**

Оид ба рад намудани
додани дараҷаи илмӣ

Мутобиқи бандҳои 13 ва 18 Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2015, №504) ва Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Қарори шӯрои диссертатсонии 6D.KOA-014 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур оид ба додани дараҷаи илмии номзади илм ба Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич дар мавзӯи «Самаранокии иқтисодии шаклҳои хоҷагидории бозорӣ (дар маводи хоҷагиҳои кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» аз рӯйи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) бинобар риоя нагардидани талаботи Низомнома намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505) бекор карда шавад.
2. Додани дипломи дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ ба Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич рад карда шавад.
3. Баррасии такрории ҳимояи диссертатсияи Саидов Мирзохуҷа Саъдуллоевич барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ баъд аз 3 моҳ аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур иҷозат дода шавад.
4. Раис, муовин ва котиби илмии шӯрои диссертатсионии мазкур огоҳонида шаванд.
5. Матни фармоиши мазкур дар муҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.

6. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ гузошта шавад.

Асос: қарори шӯрои экспертии самти илмҳои Иқтисодиёт ва соҳибкорӣ (суратҷаласа аз 7 январи соли 2021, №10) ва қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2021, протоколи №7.

Раис А.Розиқзода